*Шарифи Муҳаммадёр*

# Куртаи баҳор





*Бачаҳои азиз!*

*Ман шуморо бениҳоят дӯст медорам. Танҳо барои Шумо менависам. Соҳиб гуфтааст, ки:*

*«Рӯе, ки нагардад зи касе, рӯи китоб аст!»*

*Шумо ҳам китобро дӯст доред!*

Шарифи Муҳаммадёр

# Қуртаи баҳор





ТҒД «Истиқбол» – 2006



# ГАҲВОРАБАНДӢ

Хешу ҳамсоя омад,
Ҳам момодоя омад.
Холаи раҳдур омад,
Зани тағо  Нур омад.
Холаю амма омад,
Ақрабо ҳама омад.
Ҳар киро: меҳмон, гуфтем.
Хушомадӣ, ҷон, гуфтем.
Мӯҳҳо гирди сар задем
Дасту остин бар задем.
Ба дегҳо алав мондем,
Алови палав мондем
Дар хонамон хурсандӣ,
Сар шуд гаҳворабандӣ.





# НОМ

Оча гӯяд: азизам,
Момо гӯяд: мавизам.

Бобо гӯяд: гулбедам,
Додо гӯяд: хуршедам.

Апа гӯяд: ҳалвоям,
Шаҳду шакар бароям.

Тағо гӯяд: маҳтобам...
Не, не! гӯям, - қимобам!!

Номаки ман Гуландом,
Чӣ даркор ин қадар ном?!



# КУРТАИ БАҲОР

Булбулакон нағмагар,
Кабки дарӣ қақрақар.
Қум-қуми мусичаҳо,
Маъоси бузичаҳо.
Ҳангасаки харакҳо,
Фир-фири кафтаракҳо.
Ҳудҳуди шонасарак,
Ояд зи дашту ҷарак.
Обаки ҷӯ равон аст,
Шӯху таронахон аст.
Сабза бағал кушода,
Сар ба қадам фитода.
Лола ба дашту ба боғ
Гашта ба мисли чароғ.
Дӯхт ба олам баҳор
Куртаи нақшу нигор.



# БОҒ

Тобистони пухтупаз,
Боди сабо, хуш биваз.
Биё-биё, тут афшон!
Гелосу муруд афшон.
Шохаи олу афшон,
Себу шафтолу афшон.
Ларзон-ларзон челона,
Бубин боғи калона.
Боғи бобом озода,
Ҳар рӯзу шаб кушода
Бе девору дарвоза,
Дорад кайҳо овоза.
Хурду калон, марҳамат,
Ба боғамон, марҳамат.



## ШАМОЛАК

Шамолаки ҳур-ҳурӣ,
Магар асал мехӯрӣ?
Забони ширин дорӣ.
Маҳину шармин дорӣ.
Аз кӯҳу ҷар меоӣ,
Аз роғи дар меоӣ.
Канӣ, биё дар барам
Чу аллаи модарам.
Хабоки ман баронӣ,
Аҷаб ту меҳрубонӣ.

## ОРУ

Виж-вижа сар мекунӣ,
Гӯшама кар мекунӣ.
Рӯи гулак мешинӣ,
Гарди гулак мечинӣ.
Ба хонаат биёрӣ,
Асал ба он гузорӣ.
Эй ору, ору ору,
Асалакот дору.



# ХОБ

Худро шиновар гуфтам,
Зӯру диловар гуфтам.
Ҳавзаке дидам пуроб,
Паридамаш бошитоб.
Бол задам бо ду даст,
Гоҳ баланду гаҳ паст.
Ду по задам беқарор,
Ҳалқа задам ҳамчу мор.
Чаппа шудам зери об,
Ҷонаки ман дар азоб…
Об фурӯ мебарад,
То ба гулӯ мебарад,
Пур шуда бинӣ, даҳон,
Оҳ, аз об… ин замон:
Хез! Бигуфто Амон,
Дер ба мактаб намон?!



# УСТО

Усто қошуқ тарошад,
Бо тақутуқ тарошад.
Гулдони кошӣ созад,
Лаганди ошӣ созад.
Ҳар гуна чиз созад,
Курсию миз созад.
Дарун-беруни тоқаш,
Гулнақшаи равоқаш.
Ҳама боби тамошост,
Манзараи дилрабост.
Ба чӯб ӯ ҷон диҳад,
Зинати даврон диҳад.



# ҚУЛФИ ДАР

Дадам ба кораш равад,
Очам бозораш равад.
Ману Дилшоду Машраб
Равем саҳар ба мактаб.
Агар хона бемоаст,
Магӯ, хона танҳоаст.
Дари хона безанҷир,
Қулфи дари мо Хапгир.


КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА
БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5-00 | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

УП «Санадвора»



**Шарифи МУҲАММАДЁР**

# «Куртаи баҳор»

**(шеърҳо барои кӯдакон)**

ТҒД «Истиқбол», 2006с.
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16

Муассис ва мушовир: *Латофат КЕНҶАЕВА*
Муҳаррир: *Юсуфҷон АҲМАДЗОДА*
Мусаввир: *Парвина ЗАРИФОВА*
Мусаҳҳеҳ: *Ганҷина МУЛЛОҶОНОВА*
Тарроҳ: *Комрони РАҲМОНЗОД*

Ба чоп супорида шуд 15 декабри соли 2006с. Ба чопаш имзо шуд 20 декабри соли 2006с. Теъдод 2500 нусха. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,5.

*Дар интишороти «Mega» (Туркиё) ба нашр расид.*